# Суратҷаласаи №20-и

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

аз 14 январи соли 2021

Иштирок доштанд:
аз 21 нафар аъзои Шӯрои
диссертатсионӣ 18 нафар,
аз рӯйи ихтисос 7 нафар

14 январи соли 2021 соати 15:45 дар толори Шӯрои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 баргузор шуд. Вақти анҷоми ҷаласа: 17:55.

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»** аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, профессор Ҳ. Раҷабов шунида шуд.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ: Мисбоҳиддини Нарзиқул** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Элбоев Вафо Ҷӯрақулович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

2. **Нуров Нуралӣ Нурович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Котиби илмии Шӯро дар бораи унвонҷӯ ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда маълумот дод.

Унвонҷӯ Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна оид ба муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ҳозирин маълумот дод. Ба саволҳои аъзои Шӯро, профессорон А. Кӯчарзода ва Д. Хоҷаев ҷавоб дод.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул тақризашро пешниҳод намуд.

Котиби Шӯро матни тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Институти илмҳои гуманитарии ба номи Б. Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва тақризҳои ба автореферат воридшударо хонд, ки эродҳо хусусияти тавсиявӣ доштанд.

2. Муқарризони расмӣ: **Элбоев Вафо Ҷӯрақулович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва **Нуров Нуралӣ Нурович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» баромад намуданд.

Ба эродҳои муқарризони расмӣ диссертант ҷавоб дод.

Дар муҳокимаи диссертатсия профессорон У. Сафаров, Р.Раҳмонов, А. Абдусатторов ва Ҳ. Раҷабов иштирок карданд.

Сухани хотимавии диссертант шунида шуд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзои шӯрои диссертатсионӣ – А. Азимов (раис), У. Сафаров ва Р. Раҳмонов (аъзо) интихоб гардиданд.

Аз 21 нафар аъзои Шӯро 18 нафар ҳузур доштанд: аз инҳо 7 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 18, муқобил – нест, бетараф – нест.

Аъзои Шӯро тариқи овоздиҳии ошкоро суратҷаласаи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионӣ дар бораи ба Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ
### Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 14.01.2021** **ш. Душанбе**

Баромади Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, баромади муқарризони расмӣ – доктори илмҳои

филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ – **Элбоев Вафо Ҷӯрақулович**, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» – **Нуров Нуралӣ Нурович,** муқарризони ғайрирасмӣ – профессорон У. Сафаров, Р. Раҳмонов, А. Абдусатторов ва Ҳ. Раҷабовро шунида, муҳокима карда, Шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои ба дастовардаи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 октябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад;
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Касе, ки тарафдори ин қарори Шӯрои диссертатсионӣ бошад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад.

Зид, бетараф? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.